**Тақриз**

**ба диссертатсияи номзадии Абдулло Далер Абдулло дар мавзуи «Нақши ниҳоди Пешвои миллат дар ҳифзу таҳкими истиқлоли давлатӣ (таҷрибаи Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот.** Ниҳоди сарварӣ ниҳоди муҳимми иҷтимоию сиёсӣ мебошад, ки фаъолияти муассири системаи иҷтимоиро таъмин мекунад ва механизмҳои ҳамкориро байни одамон таҳия месозад. Ниҳоди сарварӣ, ки роҳи тулонию таърихии ташаккул, такмил ва рушдро тай кардааст, то ҳол аҳамияти бунёдии худро дар пешрафти муносибатҳои ҷамъиятӣ нигоҳ медорад. Ҳузури сарвар ё пешво дар гурӯҳ ва ҷомеа механизмест, ки қодир аст инсониятро ба роҳи худтанзимкунӣ ва ҳифзи минбаъда ҳамчун мавҷудоти олии бошуур, танзими одилонаи рафтори омма ва муайян кардани мавқеи онҳо дар инкишофи равандҳои сиёсӣ роҳнамоӣ намояд.

Ниҳоди Пешвои миллат сохтори комилан нав дар таҷрибаи давлатдории мо маҳсуб меёбад. Аз лиҳози иҷтимоию сиёсӣ он ба сифати ҷавҳари муттаҳидкунанда баромад намуда, дар сафарбарии ҷомеа ҷиҳати муваффақ гаштан ба натиҷаҳои интизорӣ нақши бузург дорад. Ғояҳои таъминкунандаи ҳамгироии иҷтимоӣ, ки аз ҷониби Пешвои миллат пешниҳод мешаванд, ҳамовозӣ ва ҷонибдории худро дар миёни тамоми қишрҳои ҷомеа пайдо менамоянд. Вобаста ба ин омӯзиши ҷанбаҳои таърихию сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангии ташаккули ниҳоди мазкур, ки амалан ифодаи фаъолияти сарварии шахсияти таърихӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, аҳаммияти махсуси илмию амалӣ дорад.

Ҷанбаи дигари муҳим будани омӯзиши мавзуи мазкур ин ба назар гирифтани далели таърихӣ дар бораи он аст, ки ташаккул ва фаъолияти ин ниҳоди сиёсӣ худ ифодаи таърихи марҳилаи муайяни рушди

давлатдории миллии тоҷикон мебошад. Вобаста ба ин таҳлили қонуниятҳои рушди ин марҳила, муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба раванди мазкур ва нақши шахс дар таърих мубрамияти омӯзиши мавзуъро баланд мебардорад. Бо назардошти нуктаҳои зикргардида метавон хулоса намуд, ки мавзӯи кори илмии Абдулло Д. А. муҳим ва мубрам мебошад.

Дар таҳлили сатҳи омӯзиши масъала нишон медиҳад, ки муаллиф дорои қобилияти хуби таҳлилу хулосабарорӣ буда, тавонистааст адабиёти мавҷударо вобаста ба самтҳо ва мактабҳои илмӣ гурӯҳбандӣ намояд. Ин омил таҳлили нуктаҳои гуногуни назариявиро осон мегардонад.

**Дараҷаи асоснокии нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои овардашуда.** Мавзӯи мазкур дар сатҳи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми сиёсии ватанӣ ҳанӯз дар сатҳи зарурӣ омӯхта нашудааст. Аз ин рӯ, муайян намудани хусусият ва тамоюлҳоу пешомадҳои ниҳоди Пешвои миллат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад мебошад. Муаллифи диссертатсия кӯшиш намудааст мавзуи мазкурро ба таври комплексӣ мавриди таҳлил қарор дода, вобаста ба шароит ва вазъи иҷтимоию сиёсӣ марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушди онро ҷудо намояд. Дар натиҷа хусусияти ҳар як марҳилаи таърихӣ ва вазъи сиёсию иҷтимоии ҷомеа мавриди таҳлили алоҳида қарор гирифтааст. Муаллиф дуруст асоснок кардааст, ки иродаи сиёсии сарвари давлат, ҳизби роҳбарикунанда ва мақсадҳои идеологии он, элитаи сиёсӣ, махсусияти шуури ҷамъиятӣ ва фарҳанги сиёсии ҷомеа, шароити таърихию сиёсӣ, вазъи иқтисодӣ, мавқеи геополитикӣ ва муносибати байниҳамдигарии кишварҳо дар сатҳи муайян ба шаклгирии ниҳоди Пешвои миллат таъсири худро расонидаанд.

**Эътимоднокӣ ва навгонии мавзуъ.** Хулосаҳое, ки муаллиф дар раванди таҳқиқи масъала вобаста ба тамоюлҳо, заминаҳо ва қонуниятҳои ташаккул ва рушди минбаъдаи низоми сиёсӣ дар

Тоҷикистон пешниҳод намудааст, аз лиҳози назариявию амалӣ тавассути нишондодҳои оморӣ ва мисолҳои мушаххас асоснок карда шуда, эътимоднокии баланди илмӣ доранд.

Муаллиф кӯшиш намудааст, ки натиҷаҳои пешниҳоднамудаи худро дар сатҳи зарурӣ аз диди назариявию амалӣ асоснок намояд. Истифодаи иктибосҳо аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, нишондиҳандаҳои омори расмӣ, нутқу маърузаҳои Президенти мамлакат, Пешвои миллат вобаста ба равандҳои ҷамъиятии гуногуни фарогирандаи хусусиятҳои ташаккули ниҳоди зикргардида, таҳлили адабиёт ва корҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ эътимоднокии натиҷаҳои пешниҳодшударо баланд бардоштааст.

Навгонии **таҳқиқот инчунин дар он аст,** ки:

муаллиф ҳангоми таҳлили мавзӯъ масъалаи ниҳоди Пешвои миллатро аз нуктаи назари таъсиррасонии он ба инкишофи системаи сиёсӣ баррасӣ намуда, моҳияти заминавӣ, захиравӣ ва таъсиррасон доштани онро муайян ва асоснок намудааст;

омӯзиш ва таҳлилу баррасии назария ва консепсияҳои гуногуни илмӣ вобаста ба масъалаи таҳқиқшаванда, ки намояндагони мактабҳои сиёсии гуногун пешниҳод намудаанд, ҳамчун маводи зарурии таҳқиқотӣ барои асосноккунии моҳияти ниҳоди сарварӣ дар тавсифи симои сиёсии давлат истифода шудааст;

методологияе, ки муаллиф ҳангоми таҳлилу баррасии мавзӯъ истифода намудааст, мукаммал буда, муносибати консептуалӣ, системавию сохторию функсионалӣ, меъёрию арзишӣ ва истифодаи методҳои умумиилмии таърихӣ, сотсиологӣ, эмпирикӣ, бихевиористӣ, муқоисавӣ ва ғайраҳо имкон додаанд, ки мавзуи ниҳоди Пешвои миллат ҳам аз лиҳози ташаккули заминаҳои таърихӣ ва ҳам эҳтиёҷоти пайдошавандаи сиёсӣ омӯхта шавад;

муаллиф тавонистааст асосҳои назариявию методологӣ, ҷараёни ташаккул ва таҳкими муносибатҳои ҷамъиятиро ба таври хеле мушаххас

ва васеъ баррасӣ намуда, дар ин замина махсусиятҳои ниҳоди Пешвои миллат ва тамоюлҳои таъсиррасон ба онро ошкор ва асоснок намояд. Таҳлил ва асосноккунии назариявӣ ба муаллиф имкон додааст, ки ҷанбаи амалии масъаларо бо такя ба донишҳои азхуднамудаи назариявӣ дар сатҳи зарурӣ таҳлил намояд.

Ҷанбаҳои зикргардида саҳми муаллифро дар таҳкими дастовардҳои илмӣ дар ин ҷода муайян мекунад.

Таҳлили диссертатсия нишон медиҳад, ки он дар сатҳи хуби илмӣ таълиф шуда, талаботҳои ба диссертатсияҳои номзадӣ пешниҳодшаванда ба назар гирифта шудаанд. Ҳар як зербоби диссертатсия муътамад ва асоснок хулосабардорӣ карда шудааст.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб ва хулосаю рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Алоқамандии хуби мантиқии масъалаҳои дар зербобҳо гузошташуда мушоҳида мешавад, ки он аз мукаммал будани мазмун ва сохтори диссертатсия дарак медиҳад. Масъалаҳои назариявию методологии пажӯҳиши масъала, хусусиятҳои ташаккул, инкишоф ва таҳкими ниҳоди Пешвои миллат дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаҳои асосии таҳким ва пешомади инкишофи он мавриди таҳқиқ ва баррасии ҳаматарафа қарор гирифтаанд.

Натиҷаҳои бадастомада, ки дар матни диссертатсия хеле васеъ нишон дода шудаанд, дар сатҳи зарурӣ асоснок карда шуда, ифодакунандаи мазмуни асосии таҳқиқоти мазкур мебошанд. Онҳо дар заминаи объективияти илмӣ таҳия карда шудаанд.

Тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф бештар ба тақвияти корҳои идеологӣ бо мақсади устуворгардонии шуури ҷамъиятӣ, дар фаҳмиш ва дарки моҳияти давлат, аҳамияти истиқлолият ва нақши шахс дар таърих алоқаманд мебошанд.

Диссертатсияи Абдулло Далер Абдулло дар мавзуи «Нақши ниҳоди Пешвои миллат дар ҳифзу таҳкими истиқлоли давлатӣ (таҷрибаи

Тоҷикистон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ дар заминаи омӯзиши адабиёти зиёди илмию назариявӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар маводҳои вобаста ба мавзӯъ таҳқиқ ва таълиф шудааст.

Ин ҳама имконият додаанд, ки муаллиф масъалаи гузошташударо ҳаматарафа мавриди омӯзиш қарор дода, хулоса ва тавсияҳои асоснок пешниҳод намояд.

Дар баробари муваффақиятҳои ба дастомада диссертатсия баъзе камбудию норасоиҳо низ дорад.

Хуб мешуд, агар муаллиф таъсири ниҳоди Пешвои миллатро ба ташаккули фарҳанги сиёсӣ дар доираи зербоби алоҳида мавриди баррасӣ қарор медод.

Ҳангоми баррасии баъзе қисматҳои мавзӯъ муаллиф ба маводи таърихӣ бештар такя намудааст. Дар заминаи чунин муносибат баъзе масъалаҳои муосир то андозае тавсиф ва таҳлили амиқ пайдо накардаанд.

Муаллифро зарур аст, ки масъалаҳои ниҳоди Пешвои миллат ва таҳкими ваҳдати миллиро бо мисолҳои мушаххас асоснок намояд.

Диссертант метавонист ба таври мушаххастар ҷанбаҳои консептуалии ниҳоди Пешвои миллатро дар низоми давлатдории миллӣ нишон диҳад.

Вале камбудиҳои зикргардида аз лиҳози мазмуну моҳият ва аҳамияти илмӣ арзиши диссертатсияро кам намекунанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба меъёрҳои муқарраргардидаи таҳияи рисолаҳои номзадӣ.** Диссертатсияи Абдулло Далер Абдулло дар мавзуи «Нақши ниҳоди Пешвои миллат дар ҳифзу таҳкими истиқлоли давлатӣ

(таҷрибаи Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ пурра ба ихтисоси пешниҳодшаванда мутобиқат мекунад.

Дар асоси таҳлили боло метавон хулоса намуд, ки ҳамаи хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшуда бо мақсад ва вазифаҳои гузоштаи муаллиф дар доираи кори илмии мазкур мутобиқ мебошанд ва аҳаммияти илмию амалии хос дошта, ифодаи мушаххаси натиҷаҳои омӯзиш ва таҳқиқи масъалаи баррасишаванда мебошанд

Он кори илмии мустақилона иҷрошуда ва ба анҷомрасида мебошад, ки дар доираи он натиҷаҳои муҳимму зарурӣ ва барои ҷомеа аҳамиятнок ба даст оварда шудааст.

Автореферат ва интишороти муаллиф муҳтавои диссертатсияро ифода мекунанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон хулоса намуд, ки диссертатсияи Абдулло Далер Абдулло дар мавзуи «Нақши ниҳоди Пешвои миллат дар ҳифзу таҳкими истиқлоли давлатӣ (таҷрибаи Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) дар доираи муқаррароти муайяншуда таълиф ва ҳимоя шуда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси зикргардида мебошад.

**Муқарризи расмӣ:** Номзади илмҳои сиёсӣ,
дотсенти кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Абдулоев Н.С.

**Имзои Абдулоев Н.С.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф. А.

10-уми феврали соли 2024